«Тасдиқ мекунам»:
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
д.и.х., профессор Насриддинзода Э.С
_______________________________
«_10_» ___04___ 2024 с.

# ХУЛОСАИ

**ҷаласаи васеи кафедраи молия ва суғурта-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Диссертатсияи Аҳмади Зоҳидҷон дар мавзуи «Таъминоти молиявии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз) дар кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расонида шудааст.

Аҳмади Зоҳидҷон соли таваллудаш 15.05.1996 дар вилояти Хатлони ноҳияи Фархор, ба дунё омадааст.

Соли 2014 ба тариқи Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон имтиҳонҳои худро супорид, ва ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба факултети молиявию иқтисодии кафедраи молия бо тариқи буҷавӣ дохил гардида ва онро соли 2019 бо дипломӣ аъло хатм намуд. Баъди хатми донишгоҳ, соли 2019 боз таҳсили худро, дар зинаи магистрӣ бо тариқи буҷавӣ идома дода, соли 2021 бо дипломи аъло “дараҷаи магистр”- ро низ хатм намуд.

Аҳмади Зоҳидҷон соли 2021 боз ҳуҷҷатҳои худро барои докторанти доктори фалсафа Ph.D супорид ва имтиҳонҳояшро бомуваффақият ба анҷом расонид. Бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 1-уми ноябри соли 2021, ба ҳайси докторанти доктори фалсафа Ph.D, доктор аз руйи ихтисос дар кафедраи молия ва суғуртаи факултети молиявию иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 6D050900 – Молия дар гурӯҳи буҷавӣ қабул карда шуд. Мавзуи диссертатсияи Аҳмади Зоҳидҷон дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз санаи 25 майи соли 2022, протоколи № 10 тасдиқ шудааст. Санаи 15.06.2024 имтиҳонӣ маҷмуии худро супорид ва кори илмии худро дар кафедраи молия ва суғурта барои муҳокима пешниҳод намуд ва бо мувафақият пешдифои кафедраро гузашт.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Иброҳимзода Илҳом мебошад.

**Муқарризони холис:**

**Улуғхоҷаева Х.Р** - д.и.и., профессори кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**Шамсов И.С** - д.и.и., профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**Ҳусайнов М.Н** - н.и.и., дотсент, мудири кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия дар мавзуи «Таъминоти молиявии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ» чунин хулосаҳо бароварда шуд:

**Баҳодиҳии иҷрои диссертатсия.** Диссертатсияи Аҳмади Зоҳидҷон дар мавзуи «Таъминоти молиявии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ» ба масъалаҳои мубрами муосири илми иқтисодӣ бахшида шудааст, ҳамзамон бо забони илмӣ навишта шуда, таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад, мақсад ва вазифаҳои диссертатсия иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳо асоснок карда шудаанд.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Имрӯз барои рушди муносиби тамоми соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ яке аз масъалаҳои муҳим ин таъминоти молиявии равандҳои сармоягузорӣ мебошад. Таваҷҷуҳ ба сармоягузорӣ ҳам аз ҷониби давлат ва ҳам аз ҷониби субъектҳои иқтисодӣ дар солҳои охир хеле зиёд шудааст. Зеро сармоягузорӣ ҳамчун манбаи муҳими таъминоти молиявии рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ метавонад ба раванди татбиқи лоиҳаҳои марбут ба ташаккул ва таҷдиди иқтидори истеҳсолии корхонаҳои соҳаҳои мазкур таъсири мусбат расонида, ба ин васила самаранокии баланди маблағҳои сафарбаршударо низ таъмин намояд.

Бинобар ин, масъалаи баланд бардоштани фаъолнокии сармоягузорӣ дар сатҳи соҳаҳои афзалиятнок ва ҳам дар сатҳи субъектҳои иқтисодии дар ин соҳаҳо фаъолияткунанда бештар ба мушкилоти ҷустуҷӯ ва дарёфти манбаъҳои маблағгузорӣ алоқаманд мебошад. Маҳз ба ҳамин хотир таҳқиқи масъалаҳои таъминоти молиявии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ дар шароити муосир муҳим аст. Албатта, барои амалӣ намудани лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт низоми муассири таъминоти молиявии фаъолияти сармоягузориро таъсис додан лозим аст.

Корбурди дурусти усулҳо ва шаклҳои маблағгузорӣ дар доираи таъминоти молиявии лоиҳаҳои сармоягузорӣ воситаи такондиҳандаи

рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ мебошад. Бинобар ин, самаранокии фаъолияти сармоягузорӣ ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт аз сиёсати интихобшудаи таъминоти молиявии татбиқи ҳар як лоиҳаи сармоягузорӣ вобаста мебошад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот бо Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2016, № 392), Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2018, № 372), Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 июни соли 2021, № 441), Барномаи давлатии рушди сайёҳӣ барои солҳои 2021-2025 алоқаманд мебошанд. Диссертатсия мувофиқи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот**. Мақсади таҳқиқот коркарди ҷанбаҳои назариявӣ ва методологӣ, таҳияи тавсияҳои амалӣ барои такмили таъминоти молиявӣ ва рушди механизми маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар иншооти инфрасохтори сайёҳӣ мебошад. Дар диссертатсия чунин вазифаҳо иҷро карда мешаванд:

- таҳқиқи асосҳои назариявӣ, равишҳои методологӣ, ҷанбаҳои методӣ ва амалии муҳими таъминоти молиявии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ;
- омӯзиши имконияти корбурди усулҳо ва шаклҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар шароити муосир, арзёбии хусусиятҳои таъминоти молиявии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ;
- таҳқиқи вазъи муосири фаъолияти сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ ва арзёбии мушкилоти маблағгузории рушди он;
- таҳлили омилҳои ба рушди маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ таъсиррасон ва арзёбии вазъи инфрасохтори сайёҳӣ бо мақсади таҳияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва амалисозии маблағгузории онҳо;
- арзёбии заминаҳои корбурди маблағгузории лоиҳавӣ ҳамчун механизми босамараи амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ;
- таҳқиқи имконияти механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ бо мақсади корбурди он дар равандҳои мукаммалсозии равандҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ;

- таҳлил ва арзёбии тарҳҳои гуногуни маблағгузорӣ барои интихоби амсилаи муносиби маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ.

**Объекти таҳқиқот.** Амалияи маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Предмети таҳқиқот.** Назария, методика ва амалияи маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Фарзияи таҳқиқот.** Асоси шаклгирӣ ва муайян кардани фарзияи таҳқиқот ин аст, ки барои истифодаи пурраи иқтидори захиравии рушди сайёҳӣ дар мамлакат маблағҳои муайяни сармоя барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ лозим мебошанд. Аз ҳаҷм ва сохтори сармоягузориҳо барои рушди иншооти инфрасохтори сайёҳӣ суръатҳои рушди умумии сайёҳӣ ҳамчун соҳаи афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ ва дар оянда беҳшавии нишондиҳандаҳои тавсифдиҳандаи натиҷаҳои молиявии корхонаҳои соҳа ва иншооти инфрасохтори сайёҳӣ вобаста мебошад.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот.** Бахши назариявии диссертатсия ба асарҳои олимон ва муҳаққиқони хориҷию ватанӣ, ки ба таҳқиқи мушкилоти назариявию методологии таъминоти молиявии раванди татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт бахшида шудаанд, асос меёбад. Дар раванди иҷрои диссертатсия чунин усулҳои илмии таҳқиқот истифода шудаанд: мантиқӣ, таҳлилӣ, иқтисодию оморӣ, графикӣ, коршиносӣ, истисно, муқоиса ва ғайра.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллиф дар таҳлил ва ҷамъбасткунӣ, банизомдарорӣ ва такмили равишҳои назариявию амалии таъминоти молиявӣ ва рушди маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ ифода меёбад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми таҳияи ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии рушди таъминоти молиявии татбиқи сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ истифода шаванд.

**Сарчашмаҳои маълумот.** Таҳқиқот ба санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи танзим ва амалисозии лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ, қарорҳо ва фармоишҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи конференсияҳо ва интишорот оид ба маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ такя мекунад.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия дар солҳои 2021-2024 дар кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар асоснок кардани ҷанбаҳои назариявӣ ва методологӣ, коркарди тавсияҳои амалӣ оид ба рушди механизми маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ ифода меёбад. Натиҷаҳои муҳимтарини таҳқиқот, ки дорои навгониҳои илмӣ мебошанд, чунин нуктаҳоро дар бар мегиранд:

- Таҳқиқи муқаррароти назариявӣ, равишҳои методологӣ, ҷанбаҳои методӣ ва дигар нуктаҳои муҳими таъминоти молиявии лоиҳаҳои сармоягузорӣ, тафсири аниқи вожаҳои «сармоягузорӣ», «фаъолияти сармоягузорӣ», «лоиҳаи сармоягузорӣ», «таъминоти молиявӣ» ва «маблағгузорӣ» дар робита бо раванди таъминоти молиявии лоиҳаҳои сармоягузорӣ анҷом дода шудааст;

- Усулҳо ва шаклҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба хотири рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ таҳқиқ карда шуда, аҳаммият ва мубрамии онҳо тасдиқ карда шудааст. Хусусиятҳои таъминоти молиявии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ муайян ва арзёбӣ карда шудаанд. Механизмҳои муносиби дастгирии сармоягузориҳо ба инфрасохтори сайёҳӣ муайян карда шудааст;

- Дар асоси таҳлили вазъи муосири иҷрои лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ ва таҳқиқи механизмҳои ҷалби манбаъҳои маблағгузорӣ ба лоиҳаҳои мазкур роҳҳои бартараф кардани мушкилоте, ки ба рушди сайёҳӣ ва инфрасохтори он монеа эҷод мекунанд, дар робита бо корбурди механизмҳои муносиби маблағгузорӣ муайян карда шуда, барои амалисозии онҳо тавсияҳои дахлдор пешниҳод карда шудааст;

- Омилҳои рушди маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ таҳлил ва дар алоқамандӣ бо вазъи имрӯзаи инфрасохтори сайёҳӣ арзёбӣ карда шудаанд. Тадбирҳои зарурӣ барои рушди инфрасохтори сайёҳӣ аз нуқтаи назари беҳгардонии таъминоти молиявии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ муайян карда шудаанд. Тарзҳои муносиби ҳавасмандкунии сармоягузории хусусӣ барои рушди иншооти инфрасохтори сайёҳӣ пешниҳод карда шудаанд;

- Имконияти корбурди маблағгузории лоиҳавӣ ҳамчун механизми самараноки татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ таҳлил ва арзёбӣ карда шудааст. Омилҳои асосии истифода нашудани маблағгузории лоиҳавӣ дар мамлакат муайян ва бартариҳои истифодаи он дар татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ арзёбӣ карда шудааст;

- Корбурди механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун яке аз воситаҳои рушди маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ муайян карда шуда, тасдиқ карда шудааст, ки он барои бунёди иншооти инфрасохтори сайёҳӣ ва рушди умумии сайёҳӣ ҳамчун соҳаи афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ мусоидат мекунад. Самтҳоиояндадори рушди шаклҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ки барои ҷалби сармояи хусусӣ ба рушди инфрасохтори сайёҳӣ имконият медиҳанд, муайян карда шудаанд;

- Шаклҳо ва тарҳҳои гуногуни маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ таҳлил карда шуда, тартиби интихоби амсилаи муносиби маблағгузорӣ бо дарназардошти нишондиҳандаҳои самаранокии молиявӣ, буҷетӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори саёҳӣ муайян карда шудааст. Барои арзёбии дурусти шароити интихоби тарҳи беҳтарини маблағгузорӣ ба лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ усулҳои таҳлили молиявии сармоягузорӣ ба кор бурда шудаанд. Муҳимии яке аз манбаъҳои дохилии маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ – истеҳлок тасдиқ карда шудааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Муқаррароти назариявии дар диссертатсия таҳияшуда метавонанд дар рушди назария ва методологияи маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ саҳми муҳим гузоранд. Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар истифодаи нишондод ва тавсияҳои пешниҳодгардида аз ҷониби кормандони Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маъмурияти субъектҳои хоҷагидории инфрасохтори сайёҳӣ барои татбиқ дар фаъолияти сармоягузорӣ ифода меёбад. Татбиқи амалии муқаррароти таҳияшуда дар равандҳои таҳия, банақшагирӣ, маблағгузорӣ ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти сармоягузорӣ имкон медиҳад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар шакли гузоришҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии «Иқтисодиёти корхонаҳо, минтақаҳо, мамлакатҳо: масъалаҳои мубрам ва ҷанбаҳои муосир» (Пенза, 2023), «Масъалаҳои идоракунӣ ва иқтисодиёт: вазъи муосир ва мушкилоти мубрам» (Москва, 2022) ва дигарҳо пешниҳод гардида, баҳои мусбат гирифтаанд. Тавсияҳои таҳияшуда дар фаъолияти сармоягузории корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ истифода мешаванд. Нуктаҳои асосии

назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар раванди таълимии зинаи бакалавриат, ихтисоси «Молия» истифода мешаванд.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурӣ.** Таҳқиқот дар доираи яке аз самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои иқтисодӣ – таъминоти молиявии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузо́ри дар инфрасохтори сайёҳӣ иҷро гардидааст.

**Алоқамандии мазмуни диссертатсия бо интихоби ихтисос.** Диссертатсияи Аҳмади Зоҳидҷон дар мавзуи «Таъминоти молиявии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ». Таҳқиқот дар доираи муҳтавои бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси илмии 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз) мувофиқат мекунад.

**Мутобиқати номи мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсия - «Таъминоти молиявии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ» ва муҳтавои он ба талабот дар доираи бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси илмии 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз) иҷро карда шудааст: 1.7. Ҷанбаҳои инфрасохтории низоми молиявӣ, 2.14. Маблағгузории равандҳои сармоягузорӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, 3.6. Молияи соҳаҳо, 3.20. Сарчашмаҳои маблағгузории субъектҳои хоҷагидор, проблемаҳои муносибгардонии сохтори сармоя, 3.22. Ташаккули низоми самараноки маблағгузории лоиҳавӣ ва барномавӣ, 3.25. Молияи равандҳои инвеститсионӣ ва инноватсионӣ, афзорҳои молиявии сармоягузорӣ.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Доир ба мавзуи таҳқиқот 18 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми 7,6 ҷузъи чопӣ (аз ҷумла 6,8 ҷузъи чопӣ аз муаллиф), аз онҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудаанд, ба нашр расонида шудааст. Интишороти мазкур ақидаҳои илмии муаллиф ва ҷанбаҳои асосии таҳқиқотро дар бар гирифта, ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мутобиқ мебошанд.

**Апробатсия ва ҷорӣ намудани натиҷаи таҳқиқот.** Натиҷаҳо ва пешниҳодҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ, ва соҳибкории Тоҷикистон муҳокима ва баррасӣ шудаанд.

Муқарраротӣ диссертатсия дар ҷараёни таълимии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳангоми тадриси фанҳои «молия», «сармоягузорӣ» «бозори молия», «сайёҳӣ» ва ғайра истифода шудааст. (Санади №263-1 аз 07. 05. 2024)

Бархе аз муқаррароти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар фаъолияти амалии «Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», КВД «Маркази итилоотии хизматрасониҳои сайёҳи»-и Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои татбиқ қабул шуда (маълумотнома аз 05.05.2024, 27.05.2024), истифода мешаванд.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Саҳми шахсии муаллиф дар таҳлил ва ҷамъбасткунӣ, банизомдарорӣ ва такмили равишҳои назариявию амалии таъминоти молиявӣ ва рушди маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ ифода меёбад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми таҳияи ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии рушди таъминоти молиявии татбиқи сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ истифода шаванд.

**Рӯйхати интишороти Аҳмади Зоҳидҷон доир ба мавзуи диссертатсия**

***А. Интишорот дар маҷаллаҳо ва нашриҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон***

[1-М]. Аҳмади Зоҳидҷон Фаъолияти сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ ва манбаъҳои маблағгузории он [Матн] / А. Зоҳидҷон // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон. - 2022. - № 3 (42). – С. 77-86

[2-М]. Аҳмади Зоҳидҷон Шакл ва усулҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ [Матн] / А. Зоҳидҷон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. - № 9. – С. 45-53

[3-М]. Аҳмади Зоҳидҷон Истифодаи механизми маблағгузории лоиҳавӣ ҳангоми амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ [Матн] / И.Р. Иброҳимзода, А. Зоҳидҷон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. - №5. - С. 5-13

[4-М]. Аҳмади Зоҳидҷон Сармоягузорӣ ҳамчун омили пешбарандаи рушди сайёҳӣ ва инфрасохтори он [Матн] / Б.Ҳ. Каримов, А. Зоҳидҷон // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон. – 2023. - № 4-1 (49). – С. 236-243

[5-М]. Аҳмади Зоҳидҷон Омилҳои рушди маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ [Матн] / А. Зоҳидҷон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. - №5. - С. 38-47

***Б. Мақолаҳо дар дигар нашриҳо:***

[6-М]. Аҳмади Зоҳидҷон Нақши бонкҳои тиҷоратӣ дар рушди иқтисодии мамлакат [Матн] / А. Зоҳидҷон / Нақши Асосгузори сулҳ ва ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими

истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 30-солагии Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат (Душанбе, 16 апрели соли 2021). – Душанбе: ДССХ, 2021. – С. 27-32

[7-М]. Аҳмади Зоҳидҷон Қарзи давлатӣ ва моҳияти он [Матн] / А. Зоҳидҷон / Танзими иқтисодӣ ҳуқуқии муносибатҳои байналмилалӣ дар бахши фаъолияти иқтисодии хориҷӣ / Маводи конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 30-солагии таъсисёбии мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон (Душанбе, 29 январи соли 2022). – Душанбе: ДБССТ, 2022. – С. 110-116

[8-М]. Аҳмади Зоҳидҷон Суғурта ҳамчун механизми асосии бехатагардонии дараҷаи хавфҳо [Матн] / А. Зоҳидҷон / Такмили муносибатҳои молиявӣ – қарзӣ ҳамчун заминаи амалисозии ҳадафи чоруми миллӣ – саноатикунонии босуръати мамлакат / Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ (Душанбе, 28 майи соли 2022). – Душанбе: ДБССТ, 2022. – С. 148-156

[9-М]. Аҳмади Зоҳидҷон Шаклҳои муосири маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ [Матн] / А. Зоҳидҷон / Такмили муносибатҳои молиявӣ – қарзӣ ҳамчун заминаи амалисозии ҳадафи чоруми миллӣ – саноатикунонии босуръати мамлакат / Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ (Душанбе, 28 майи соли 2022). - Душанбе: ДБССТ, 2022. – С. 99-103

[10-М]. Аҳмади Зоҳидҷон Ҳолат ва дурнамои сармоягузории мустақими хориҷӣ ба иқтисоди Тоҷикистон [Матн] / А. Зоҳидҷон Такмили муносибатҳои молиявӣ – қарзӣ ҳамчун заминаи амалисозии ҳадафи чоруми миллӣ – саноатикунонии босуръати мамлакат / Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ (Душанбе, 28 майи соли 2022). - Душанбе: ДБССТ, 2022. – С. 143-148

[11-М]. Зохиджон, А. Финансовая поддержка реализации инвестиционных проектов в туристской инфраструктуре Республики Таджикистан [Текст] / А. Зохиджон / Вопросы управления и экономики: современное состояние актуальниых проблем / Сборник статей по материалам LXIII-LXIV международной научно-практической конференции (Москва, 11 октябрья 2022 года). – 2022. - №9-10 (57). – С. 10-18

[12-М]. Аҳмади Зоҳидҷон Аҳаммият ва зарурияти сармоя ва сармоягузорӣ [Матн] / А. Зоҳидҷон / Самтҳои стратегии рушди соҳибкории инноватсионӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ / Маводи конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ (Душанбе, 25 ноябри соли 2022). – Душанбе: ДБССТ, 2022. - С. 223-227

[13-М]. Зохиджон, А. Проектное финансирование в туристической инфраструктуре Республики Таджикистан [Текст] / А. Зохиджон / Актуальные вопросы экономики / Сборник статей XIV международной научно-практической конференции (Пенза, 28 февраля 2023 года). – Пенза: МЦНС «Наука и Просвещение», 2023. – С. 22-26

[14-М]. Аҳмади Зоҳидҷон Низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ ва таъмини фаъолияти муназзами он [Матн] / А. Зоҳидҷон / Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - ташаббускори ҳалли масоили вобаста ба об дар минтақа ва ҷаҳон / Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ (Душанбе, 25 марти соли 2023). – Душанбе: ДБССТ, 2023. - С.73-79

[15-М]. Аҳмади Зоҳидҷон Маблағгузории сармоягузориҳо ба инфрасохтори сайёҳӣ [Матн] / А. Зоҳидҷон / Масъалаҳои мубрами баҳисобгирии муҳосибӣ таҳлил ва аудит дар шароити муосир / Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (Душанбе, 28 марти соли 2023). – Душанбе: ДБССТ, 2023. – С. 173-178

[16-М]. Аҳмади Зоҳидҷон Сиёсати андозӣ-буҷетӣ қисмати асосии сиёсати молиявӣ [Матн] / А. Зоҳидҷон / Нақши сайёҳӣ ва соҳибкорӣ дар раванди амалисозии ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Маводи конференсияи илмӣ-назариявии апрелии донишгоҳ (Душанбе, 21-22 апрели соли 2023). – Душанбе: ДБССТ, 2023. – С. 68-74

[17-М]. Зохиджон, А. Роль инвестиций в развитии туристической инфраструктуры Республики Таджикистан [Текст] / А. Зохиджон / Экономика предприятий, регионов, стран: актуальные вопросы и современные аспекты / Сборник статей XII международной научно-практической конференции (Пенза, 5 декабря 2023 года). - Пенза: МЦНС «Наука и Просвещение», 2023. – С. 28-32

[18-М]. Аҳмади Зоҳидҷон Таъсири вазъи сармоягузорӣ ба рушди сайёҳӣ ва инфрасохтори он [Матн] / А. Зоҳидҷон / Равандҳои муосири молиявӣ-қарзӣ: мушкилот ва дурнамо / Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ (Душанбе, 7 декабри соли 2023). – Душанбе: ДБССТ, 2023. - С. 283-288

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Аҳмади Зоҳидҷон дар мавзуи «Таъминоти молиявии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз) кори илмии анҷомдодашуда ба ҳисоб рафта, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои

илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267; бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, № 295) ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Аҳмади Зоҳидҷон дар мавзуи «Таъминоти молиявии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз) пешниҳод гардидааст, кори илмии анҷомдодашуда ба ҳисоб рафта, бо дарназардоштиислоҳи камбудиҳои ошкоргардида ба экпертизаи навбатӣ пешниҳод карда шавад.

Дар ҷаласа иштирок доштанд 15 нафар, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ 14 нафар, аз онҳо бо ихтисоси диссертатсияи муҳокимагардида д.и.и., профессор 2 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 14 нафар, «муқобил» - нест, «бетараф»- нест.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи васеи кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 29-уми июни соли 2024, суратмаҷлиси №11 қабул гардидааст.

**Раисикунанда:**
**н.и.и., муаллими калони кафедраи молия ва суғурта ДМТ,** **Гулаков У.М.**

**Котиб:**
**Муалими калони кафедраи молия ва суғурта ДМТ** **Шарифзода Н.Ш.**

**Тасдиқ мекунам,**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**
**«10» 07 2024 с.**